**Саволномаҳо аз фанни маърифати оиладорӣ барои ҳамаи ихтисосҳо, омӯзгорони кафедра, рейтинги 1.**

**1.Мафҳуми оиларо шарҳ диҳед.**
А) Оила ин ячейкаи ҷамъиятӣ аст, ки ду одам-зану мардро бо ҳам мепайвандад.
Б) Оила гурӯҳи хурди ҷамъиятии одамон аст, ки дар асоси иттифоқи озод, ихтиёрона, баробарҳуқуқии марду зан ташкил меёбад.
В) Оила-ин падару модар, бобову бибӣ, фарзандон ва наберагон аст.
Г) Оила ин гурӯҳи одамон аст, ки бо ҳам мансубияти хешӣ доранд.
Д) Ҳамаи хешу таборҳо, авлодҳо як оиларо ташкил медиҳанд.
**2.Нақши оила дар ҳаёти инсон аз чӣ иборат аст?**
А) Оиларо шаҳсутуни зиндагӣ, асоси давлат, танзимгари рушду нумӯи миллат номидаанд.
Б) Оила яке аз рукнҳои муҳим ва асосии ҷомеа ба ҳисоб рафта, муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва шаҳрвандиро дар бар мегирад.
В) Оила намунаи беҳтарин ва олии ҳамзистии зану мард мебошад, ки бо сарварии волидайн чун созмони хурдтарини ҷомеа арзи вуҷуд дорад.
Г) Оила ҳамчун қадимтарин сохтори иҷтимоии таърихи инсоният дар ташаккули ҷомеаи инсонӣ нақш ва мавқеи муҳимеро дорост; Д) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
**3.Асоси пайдоиши оиларо чӣ ташкил медиҳад?**
А) Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, муносибатҳои занушавҳарӣ, хешутаборӣ ва талаботи муайяни қонунгузориро ба танзим медарорад.
Б) Намунаи олитарини ҳаёти якҷояи инсонҳо оила мебошад
В) Оила дар ҳаёти инсон волотарин ва арзишмандтарин мақомро дорост.
Г) Оила дар натиҷаи никоҳи зану мард ба вуҷуд меояд; Д) Асоси ташкили оила никоҳ буда, он ба шинохти расмии муносибатҳои оиладорӣ асос мегузорад.
**4.Фанни маърифати оиладорӣ чиро меомӯзад?**
А) тарбия намудани онҳо дар рӯҳияи нигоҳ доштани анъанаҳои неки миллии халқи тоҷик ва оштинопазирӣ ба расму одатҳои номатлуб оид ба оила
Б) Бо асосҳои дониш оид ба никоҳу оиладорӣ шинос намудани донишҷӯён ташаккул додани идеали оиладорӣ дар шуури онҳо мебошад.
В) Ҳамдигарфаҳмӣ, дӯст доштани зану мард боиси хушбахтии оила шуда метавонад.
Г) дар бораи нахуст мактаби тарбияи инсон ва ташаккули тафаккури ӯ будани оила;
Д) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
**5.Сарчашмаҳои таърихии пайдоиши оиларо номбар кунед.**
А) Дар давраи ибтидоӣ аввалин муҳити иҷтимоӣ, зиндагии гурӯҳӣ ташкил ёфт
Б) Осиёи Миёна аз қадимтарин кишварҳоест, ки ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омада, аввалин оилаҳо барпо шудаанд; В) Дар арафаи истилои арабҳо ва ҷорӣ гардидани дини ислом
Г) Дар шаҳрҳои қадима ва бостонии Юнони қадим оилаҳои аввалин пайдо шуданд.
Д) Давраи модаршоҳӣ, падаршоҳӣ, Шарқи қадим, аҳди Зардушт, аҳди Сосониён, давраи ислом ва даврони шӯравӣ
**6.Муносибатҳои оилавӣ дар давраи модаршоҳӣ чӣ гуна ба роҳ монда шуда буданд?**
А) Шумораи аҳолӣ афзуда, тӯдаҳои калон-калони одамон пайдо мешуданд.
Шумораи аҳолӣ афзуда, тӯдаҳои калон-калони одамон пайдо мешуданд.
Б)Никоҳи оилаҳои гурӯҳӣ мустаҳкам набуд, он расман оила ба ҳисоб мерафт.
В) Дар байнашон робитаҳои иқтисодӣ вуҷуд надошт.

Г) Дар ин давра нақши модар асосӣ буда, фарзандон насли модар ҳисоб мешуданд ва онҳо бо модар зиндагӣ мекарданд;
Д) Муносибаташон умуман ба муносибатҳои оиладорӣ монанд набуд.
**7.Дар давраи падаршоҳӣ муносибатҳои оилавӣ чӣ гуна ба роҳ монда шуда буд?**
А) Инкишофи қувваҳои истеҳсолӣ ва иқтисодиёт муносибатҳои молиро дар оилаи падаршоҳӣ ривоҷ дод; Б) Пайдо шудани муносибатҳои пулию молӣ боиси воҳиди мустақили ҷамъият гардидани оила мебошад; В) Зан ва фарзандон фармонбардори сардори оила мешаванд; Г) Қоидаҳои одобу ахлоқ ба вуҷуд меоянд.
Д) Оилаҳои якканикоҳӣ (моногамӣ) пайдо шуда, шавҳар ҳамчун сардори оила соҳиби моликияти оила гардид.
**8.Мақоми меҳнат дар ташаккули одам аз чӣ иборат аст?**
**А)** Давраи аввал давраи ибтидоии одамизод буда, дар ин давра одамон гурӯҳ-гурӯҳ зиндагӣ мекарданд.
Б) Инсоният се давраи асосӣ- ваҳшоният, барбарият ва тамаддунро аз сар гузарондааст.
В)Натиҷаи меҳнату заҳматҳои бепоёни одамон буд, ки ҳазорсолаҳоро пушти сар намуда, аз шакли ваҳшоният ба тамаддун ва шакли имрӯзаи инсонӣ расидааст.
Г) Бо мурури замон одам шикор ва истифодаи оташро ёд гирифт.
Д) Шикор яке аз соҳаҳои муқаррарии меҳнат ба ҳисоб мерафт.
**9.Ақидаи «меҳнат одамро офарид» -ро чӣ тавр мефаҳмед?**
А) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; Б) Авлод, қавму қабилаҳо барои таъмини оилаҳои калони худ меҳнат карда, ризқу рӯзии худро пайдо мекарданд.
В) Одамон ром кардани ҳайвоноти ваҳширо ёд гирифтанд .
Г) Одамон дар даштҳои сералафи соҳили дарёҳо умр ба сар мебурданд
Д) Дар ҳақиқат маҳз меҳнат буд, ки одамро аз дигар ҷондорҳои рӯи замин ҷудо кард ва инсон ба воситаи ақлу шуураш олотҳои меҳнатиро сохт
**10.Сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ барои мардуми Шарқ, хусусан тоҷикон, кадом манбаъҳо маҳсуб меёфтанд?**
А) Дини зардуштӣ; Б) Таълимоти дини буддоӣ;
В) Асарҳои таърихшиносони Юнони қадим, маълумоти Элиан, бозёфти таърихии кӯҳи Муғ;
Г) Дини ислом; Д) Қабилаҳои сакоиҳои Осиёи Миёна
**11. «Маҷмӯаи ҳуқуқи Сосонӣ» кадом масъалаҳоро дар бар мегирад?**
А) ташкили оила, таъсиси хонадорӣ аввалин пояи маданияти инсонӣ;
Б) Дар бораи ташкили оила, никоҳу талоқ, тартиби бастани никоҳ ва интихоби ҳамсар;
В) талаботи ҳатмӣ ризоияти издивоҷкунандагон;
Г) Ба сини балоғат расидани ҷавонон; Д) Масъулияти падару модар барои ба ҳаёти мустақилона омода намудани фарзандон
**12.Тибқи таълимоти ислом муносибатҳои оилавӣ чӣ гуна роҳандозӣ карда мешаванд?**
А) Эҳтироми падару модар ва парастории онҳо
Б) Устувор нигоҳ доштани муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ
В) Муносибатҳои падарсолориро ҷорӣ намуда, дар муносибатҳои оилавӣ ва никоҳ меъёрҳои нав ворид кард; Г) Нигоҳубин ва таълиму тарбияи фарзанд
Д) Мавҷудияти фазои осоиш ва эътимоду боварӣ дар оила
**12Дар замони шӯроҳо дар масъалаи муносибатҳои оилавӣ чӣ тағйирот ворид карда шуд?**
А) Қабули дигар қонуну санадҳои танзимкунандаи оила ва муносибатҳои оилавӣ
Б)Синни никоҳиро барои мардон 18-солагӣ ва барои занон аз сини 16-солагӣ муқаррар кард.
В) Вобаста ба ҳуввияти миллии мардум таклифу пешниҳодҳо ба миён гузошта шуданд.

Г)Танҳо ҳамон никоҳе эътироф карда мешуд, ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта мешуд.
Д) Дар замони соҳибистиқлолӣ муносибатҳои оилавӣ моҳияти нав пайдо карданд.

**13.Нақши оила дар ҷомеа аз чӣ иборат аст?**

А) Иморат аз хиштҳо бунёд меёбад, давлат ҳам аз оилаҳо иборат мебошад
Б)Мавқеъ ва нақши оила дар ҷамъият хеле бузург буда, он асоси давлатро ташкил медиҳад ва вазъияти оила ба ҳаёти ҷамъиятии давлат таъсири бевосита мерасонад.
В) Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ барои расидан ба рӯзгори обод.
Г) Таъмини шароити мусоиди маишию эҷодӣ, меҳнат, беҳдошти саломатӣ
Д) Вазифаи муҳими оила дар ҷамъият ба дунё овардани насл

**14.Вазифаи оиларо дар тарбияи фарзанд номбар кунед.**

**А**) Ба танзим даровардани таваллуди фарзандон хеле муҳим аст.
Б) Падару модар вазифадоранд, ки нисбати тарбияи фарзандон ғамхорӣ намоянд, онҳоро ҳамчун шахсони арзандаи ҷамъият ба воя расонанд.
В) Ба ташаккули шахсияти фарзандон таъсири манфӣ расондан
Г) Дар рӯҳияи муҳаббат ба Ватан, ифтихори миллӣ тарбия намоянд.
Д) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**15.Оё шумо дар оилае, ки зиндагӣ мекунед, худро озод ҳис мекунед?**

А) Баъзан вакт; Б) На он қадар; В) Тамоман озодиро ҳис намекунам;
Г) Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад, қабул аст; Д) Ҳа, бале

**16. Оё падару модаратон бо шумо дар масъалаҳои оиладорӣ сӯҳбат мекунанд?**

А) Дар мавридҳои зарурӣ; Б) Ҳама вақт сӯҳбат мекунем.
В) Ягон бор сӯҳбат накардем; Г) Баъзан сӯҳбат мекунем
Д)Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад, қабул аст.

**17.Шумо дар бораи никоҳи ғайрирасмӣ чӣ андеша доред?**

А Умуман ин гуна никоҳро эътироф намекунам; Б) Дар ҳолати вайрон гаштани оилаҳои ғайрирасмӣ аксаран занҳои ҷавон дар ҳолати ногувор мемонанд; В) Танҳо никоҳи расмӣ қонунӣ буда, оилаи баробарҳуқуқи ҷамъиятиро ташкил медиҳад; Г) Никоҳи ғайрирасмӣ ғайриқонунӣ буда, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зану шавҳарро ба танзим даровардa наметавонад;
Д) Бигзор ҳам никоҳи ғайрирасмӣ (мусулмонӣ) ва ҳам никоҳи расмӣ бошад.

**18.Фарқияти ақди никоҳ ва аҳдномаи никоҳро дар чӣ мебинед?**

А) Зану шавҳар дар қатъ кардани никоҳ ҳуқуқи баробар доранд
Б)Аҳдномаи никоҳ санадест, ки дар он ӯҳдадориҳои зану шавҳар, хароҷоти молу мулке, ки дар сурати бекор кардани ақди никоҳ ба ихтиёри ҳар кадоми онҳо гузошта мешавад.
В) Агар ақди никоҳ бекор шавад, зану шавҳар аз ҳамдигар ҷудо мешаванд.
Г) Ҳангоми қатъ гаштани никоҳ дар масъалаи тақсими анҷоми хона байни зану шавҳар норозигӣ ба вуҷуд меояд; Д) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**19.Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои қонунии зану шавҳарро номбар кунед.**

А)Зану шавҳар дар оила баробарҳуқуқанд ва дар назди оилаю ҷамъият вазифа ва масъулияти муайян доранд.
Б) Ҳангоми аз қайди никоҳ гузаштан зан ҳуқуқ дорад, ки насаби худро нигоҳ дорад.
В) Агар насаби шавҳарро гирифта бошад, пас аз бекор кардани никоҳ боз метавонад, ки насаби пешинаи худро барқарор кунад; Г)Дар тақсимоти молу мулк ҳуқуқи баробар доранд.
Д) Молу мулке, ки дар давраи ҳаёти якҷоя ҷамъ овардаанд, моликияти умумии онҳо ба ҳисоб меравад.

**20.Бо чӣ гуна шахс шумо мехоҳед шарики якумраи ҳаёт бошед?**

А) Танҳо мехру муҳаббат зану шавҳарро бо ҳам дӯст, ёри дилсӯзу ғамхор крада метавонад, ки гусастани ин ҷозиба душвор аст; Б)Шахсе, ки ростқавлу вафодор ва дар гапаш устувор бошад; В) Бо одаме, ки ғурури баланди ҷавонмардӣ дошта бошад; Г) Бо шахсе, ки аз ҳамаи гуноҳҳо орӣ бошад; Д) Бо шахсе, ки соҳиби пулу мол ва сарвати бисёр аст.

**21. Чаро баъзе оилаҳое, ки дар асоси муҳаббати дутарафа ташкил ёфтаанд, вайрон мешаванд?**

А Баъзан дар тарбияи фарзанд низ бо ҳам мувофиқа намекунанд ва ин ҳам метавонад ба ҷудоӣ оварда расонад; Б) Баъзан мудохила кардани дигарон ба ҳаёти ҷавонон низ сабаби ҷудоӣ мешавад; В)Дар ҳар маврид фикри худро ҳақ мебарорад ва ба ҳарфи муқобил гӯш кардан ҳам намехоҳад; Г)Барои барпо кардани оилаи мустаҳкам танҳо муҳаббати дутарафа кам аст, боз якдигарфаҳмӣ, «ман» худро яктараф гузоштан ва мадоро кардан лозим аст; Д) Мумкин он муҳаббати дутарафа рӯякӣ буда, бо андак шамол мисли барги хазон парида рафт.

**22.Дар ташкил ва тақвияти оила саҳми кӣ зиёд аст, мард ё зан?**

А) Оила асоси ҷомеа, муҳимтарин ячейкаи ҷамъияту давлат буда, дар ташкилу тақвияти он зану мард баробар иштирок мекунанд; Б)Албатта саҳми мард зиёд аст .

В) Саҳми зан, албатта зиёдтар аст; Г) Дар якҷоягӣ ҳар ду – марду зан дар ташкили оила саҳмгузор ҳастанд; Д) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**23. Асоси оиларо чӣ ташкил медиҳад?**

А) Асоси оиларо ишқу муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми якдигар ташкил медиҳад; Б) Асоси оиларо фарзандон ташкил медиҳад; В)Садоқату вафодорӣ ба ҳамдигар ва тарбияи фарзандони солиму хушбахт; Г) Солимию маърифатнокӣ, рушду камоли фарзандон; Д) Шароити иқтисодию иҷтимоӣ,тавоноӣ, тафаккур ва шавқу завқи оила

**24.Ахлоқ чист?**

А) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; Б) Адаб тоҷи сари мардон аст;

В) Одоби муоширaт, сухан гуфтан, дӯстӣ, рафоқат-ҳамаи инҳо ба ахлоқ тааллуқ доранд.

Г) Ахлоқ-маҷмӯи корҳои хуб аст, ки аз тарафи одам иҷро мешаванд.

Д)Адаб ва ахлоқ илмест, ки одам онро аз хурдӣ то пирӣ меомӯзад.

**25.Тарбиятгари асосии ахлоқ дар оила кист?**

**А)** Фақат падар метавонад, тарбиятгари ахлоқ бошад; Б) Бобову бибӣ, падару модар ва хешу табор; В) Фақат модар тарбиятгари ахлоқ шуда метавонад; Г)Тарбиятгари асосии ахлоқ дар оила падару модар ҳастанд; Д)Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**26.Ақидаи Шумо дар бораи дӯстии писарону духтарон чӣ хел аст?**

А) Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад, қабул аст; Б) Розӣ нестам; В) Розӣ ҳастам.

Г) Вобаста ба он аст,ки дӯстии онҳо ки чӣ хел сурат мегирад;

Д)Дар минтиқаи мо ба ин кор иҷозат намедиҳанд.

**27.Чаро одобро ҳусни инсон меноманд?**

А) Асоси муносибати писарону духтаронро назокату одоб ташкил медиҳад

Б)Самимият, хоксорӣ, ростқавлӣ, садоқат ва назокату одобро шиори зиндагии худ қарор додан ҳусни инсонро зиёд мекунад.

В) Риоя накардани меъёри ахлоқ нишони бетарбиягӣ ва бадахлоқӣ аст.

Г) Одамони ботарбия шахсияти инсонро эҳтиром мекнуанд.

Д) Онҳо ҳамеша мудоро намуда, ҳалим, хушмуомила ва нармдиланд.

**28.Ишқ чӣ гуна ҳиссиёт аст?**

А) Мафҳуми ишқ ва муҳаббат ҳиссиёти олӣ ва наҷиби инсонӣ буда, дар паси он дарди ҳиҷрон, шабҳои бехобӣ, интизорӣ, орзӯи дидор, таманнои висол, азбар кардани шеърҳои ошиқона пинҳон аст; Б) Шояд дар дунё касе нест, ки боре ошиқ нашуда бошад.
В) Дарди ишқи ҳақиқӣ дар ғамгинии шадид ва ғуссаҳои доимӣ қарор дорад.
Г)Ин ҷозибаи бисёр нозуку латиф ва аҷибу шавқангез аст; Д) Дар худ ҳазорон асрори ниҳон дорад, ки моҳияти онро то охир ҳеҷ кас фаҳмида ва фаҳмонда натавонистааст.

**29.Ба фикри Шумо сабабҳои аз ҳам ҷудо шудани дӯстдоштагон дар чист?**

А) Дар байнашон якдигарфаҳмӣ нест; Б) Бисёр вақт дӯстон ё дугонаҳо сабаб мешаванд.
в) Сабабҳои аз ҳам ҷудо шудани дӯстдоштагон хеле гуногун аст.
Г) Ба ҳар гуна хабарҳо гӯш карда, аз ҳам ҷудо мешаванд.
Д) Метавонанд, барои як гапи ночиз ҳам аз ҳам ҷудо шаванд.

**30.Дар Тоҷикистон сини никоҳӣ аз чандсолагӣ муқаррар гардидааст?**

А) Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон синну соли никоҳ аз 18-солагӣ муқаррар карда шудааст.
Б) Аз синни 16-солагӣ иҷозат дода шудааст; В) Синни 25-солагӣ муқаррар шудааст.
Г) Дар кадом синну соле, ки бихоҳӣ , иҷозат аст; Д)Ба писарон дар синни 18-солагӣ ва духтарон 17-солагӣ иҷозат дода шудааст, ки издивоҷ кунанд.

**31.Шумо аз чандсолагӣ оиладор шудан мехоҳед?**

А) Вақте, ки падару модарам розигӣ доданд; Б) Кадом вақте ки дилам хоҳад; В) Ҳеҷ вақт оиладор намешавам; Г)Мехоҳам, аввал маълумоти олӣ гирам, баъд мошин ва хона бихарам; Д)Тибқи муқarrоти қабулшудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз синни 18-солагӣ

**32.Шарти асосии омода будани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ кадом аст?**

А) Дар донишкадаҳо маълумоти комил ба даст оварда, пойдевори ояндаи худро гузоранд
Б)Ташаккули фаҳмишу ҳиссиёти хонаводагӣ дошта бошанд;
В) Ба ҳаёти мустақилона тайёр будани ҷавонон шарти асосии бунёди оилаи солим ва намунавӣ; Г) Якдигарро хуб омӯхта ,ба якдигар мутобиқ гарданд; Д)Маърифати комил, омодагии ҷиддии равонию ҷисмонӣ, маънавӣ ва иқтисодӣ дошта бошанд.

**33.Шумо ба муносибатҳои падару модаратон дар оила чӣ гуна баҳо медиҳед?**

А) Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад, қабул аст; Б)Ба фикрам муносибати хуб доранд.
В) Ҳама вақт ҷангу ҷанҷол мекунанд; Г) Ягон чиз гуфта наметавонам, ин сирри хонаводагӣ аст; Д) Ягон бор муносибати бадашонро бо ҳамдигар надидаам.

**34.Омилҳои таваллуд шудани кӯдакони имконияташон маҳдудро дар ҷомеа номбар кунед.**

А) Дар синну соли пеш аз ба балоғат расидан издивоҷ кардан
Б)Никоҳи хешутаборӣ, касалиҳои венерикӣ ва вируси норасоии масунияти одам
В) Бемор будани яке аз волидон; Г) Истифодаи зиёди нӯшокиҳои спиртӣ
Д) Истифодаи моводи нашъадор ва мухаддир

**34.Оё никоҳ байни хешу табороии наздик иҷозат аст?**

А) Дар Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳ байни хешу табори наздик манъ аст.
Б)Иҷозат аст; В) Бо хешони дурр иҷозат аст; Г) Не, тамоман иҷозат дода нашудааст.
Д) Дар баъзе ҳолатҳои зарурӣ мумкин аст.

**35.Зарурати аз муоинаи тиббӣ гузаштани издивоҷкунандагон дар чист?**

А) Дар Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал масъалаи аз муоинаи тиббӣ гузаштани издивоҷкунандагон муқаррар карда шудааст; Б) Ташкил кардани оилаи солим ва пешгирии таваллуди кӯдакони носолим; В) Масъалаҳои солимгардонии оила ва масъалаҳои тиббию генетикӣ; Г) Пешгирӣ намудани касалиҳои венерикӣ ва ВНМО
Д)Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**36.Натиҷаи муоинаи тиббии издивоҷкунандагон чӣ тавр пешниҳод карда мешавад?**
**А**) Он қадар зарур нест, ки издивоҷкунандагон аз муоинаи тиббӣ гузаранд.
Б) Аз муоинаи тиббӣ гузаштан ҳатмӣ мебошад.
В)Муоинаи тиббии издивоҷкунандагон сирри махфӣ ба ҳисоб рафта, онро ҳеҷ кас бе розигии шахси муоинашаванда ба каси дигар дода наметавонад.
Г) Бемории худро набояд махфӣ нигоҳ доранд; Д) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
**38.Кадом бемориҳо ва омилҳои муайянкунандаи тиббӣ боиси манъ кардани никоҳ мегардад?**
А) Тибқи моддаи 14- Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳ байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби бемории рӯҳӣ ва суиистифода намудани нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи мухаддир, ки ғайри қобили амал эътироф шудаанд, манъ кардааст.
Б) Агар яке аз никоҳкунандагон ба бемории ВНМО мубтало будани худро пинҳон кунад, суд метавонад, ин никоҳро беэътибор кунад.
В) Ҳар гуна касалиҳои сироятӣ ва пустӣ низ метавонанд, боиси манъ кардани никоҳ гарданд; Г) Ягон намуди касалӣ наметавонад, пеши никоҳро гирад; Д) Барои солимгардонии ҷомеа ва оила никоҳ барои баъзе намуди касалиҳо манъ карда шудааст.
**39. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳи хешутабориро чӣ гуна нишон медиҳад?**
А) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; Б) Никоҳи хешу табори наздик сабаби дар насл пайдо шудани касалиҳои гуногун мегардад; В)Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳи хешутабориро иҷозат додаст; Г) Никоҳ бо хешу табори дур мумкин аст; Д)Дар моддаи 14 - Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ақди никоҳ байни хешовандони наздик (падару модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ, байни бародарон ва хоҳарони айнӣ ва угай (ки аз як падар ё модаранд), байни фарзандхондагон манъ карда шудааст.
**40.Оқибатҳои никоҳи хешутаборӣ ба чӣ оварда мерасонад?**
А) Дар натиҷаи омехташавии миллату маҳалҳо насли зеботару лаёқатмандтар ба дунё меояд; Б)Ҳоло зиёда аз 2 ҳазор намуд касалиҳои гуногуни вазнини ирсӣ вуҷуд доранд; В)Аз чунин издивоҷҳо кӯдакони аз ҷиҳати равонӣ ва ақлӣ сустинкишофёфта таваллуд мешаванд; Г) Ин барои ҷомеа хатари калонеро ба бор меорад; Д) Никоҳи хешу табори наздик сабаби дар насл пайдо шудани касалиҳои гуногун мегардад.
**41.Мустаҳкамкунии муносибатҳои хешутаборӣ ва пайванди решаҳои авлодиро дар чӣ мебинед?**
А)Никоҳи хешутаборӣ ё авлодиро ба хотири нигоҳ доштани бойигарии оила, қавм анъанаҳои авлодӣ мекунанд.
Б) Волидон бар он назаранд, ки гӯё издивоҷи хешутаборӣ пайвандгари насли онҳост.
В) Гӯё онҳо ба хотири хешутаборӣ ба ҳама пастию баландии рӯзгор тоб меоранд.
Г) Зери як бом бо дили шикаста зиндагӣ кардан магар хушбахтӣ меорад.
Д) Барои қавӣ мондани меҳри байни худиҳо ва хешу табор ин корро мекнуанд.
**42. Оё бо каси ноошно зиндагӣ кардан хушбахтӣ меорад?**
А)Инро хушбахтӣ ҳам гуфтан нашояд, агар тарафи муқобилатро дӯст надорӣ; Б) Не, албатта
В)Ҷавоби ин саволро шоираи ширинкалом Гулрухсор чунин додаст: Бо каси ноошное зистан, Худфиребӣ, рӯсиёҳӣ, худкӯшист.
Г) Баъзе одамон дӯст намедоранд, вале зиндагӣ мекунанд.
Д) Магар дӯст надошта, бо ҳам зиндагӣ кардан равост?
**43.Ақидаи шумо дар бораи тӯйҳои дабдабанок чӣ гуна аст?**
А) Ягон заруриятеро дар тӯйҳои дабдабанок намебинам, ин аз як худнамоӣ бештар нест.
Б) Ман тӯйҳои дабдабанокро хеле дӯст медорам. В) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

Г) Ба фикри ман умуман ҳамин тӯйҳоро барҳам додан лозим аст, як никоҳ бас аст.
Д) Бо пули он тӯйи дабдабанок зиндагии навхонадоронро сомон диҳем,хубтар аст.

**44. Муносибати Шумо ба тӯйҳои ҳозиразамон чӣ гуна аст?**

А) Тӯйҳои ҳозиразамон бояд дар тарбхона мувофиқи меъёри муайяни танзим гузаронда шаванд; Б) Хеле қобили қабул аст, камхарҷу каммасраф;
В) Масрафи беҳударо дар ягон замон тавсиф накардаанд. Г) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.
Д) Пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамаи тӯю маъракаҳо ба танзим даровардa шуданд.

**45.Ба фикри Шумо маросими фотиҳа лозим аст ё не?**

А) Албатта фотеҳа кардан расму русуми бобоист, вале бе тӯйю хароҷоти зиёдатӣ анҷом ёбад.
Б) Пеш аз қабули Қонуни танзим фотеҳатӯй бо иштироки меҳмонони зиёд ва хароҷоти калони моддӣ гузаронда мешуд; В)Никоҳ (издивоҷ) ибтидо ва шарти зарурии ташкили оила мебошад; Г)Албатта фотеҳа кардан расму русуми бобоист, вале бе тӯйю хароҷоти зиёдатӣ анҷом ёбад; Д)Никоҳ маъмулан баъди фотеҳа анҷом меёбад, ки албатта зарур аст.

**46.Дар чанд ҳолатҳо никоҳ қатъ карда мешавад?**

А) Дар се ҳолат; Б) Дар 5 ҳолат; В) Дар 6 ҳолат; Г) Дар 2 ҳолат; Д) Дар 10 ҳолат

**47.Кадом тарзҳои бекор кардани ақди никоҳро медонед?**

А)Бекор намудани ақди никоҳ ба таври расмӣ; Б)Бекор кардани ақди никоҳ бо шариати исломӣ; В) Бекор кардани ақди никоҳ ба тарзи судӣ ва тарзи маъмурӣ
Г) Бекор намудани ақди никоҳ ба тарзи маъмурӣ; Д) Бекор кардани ақди никоҳ ба тарзи судӣ

**48.Оё мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ метавонад, ақди никоҳро бекор кунад?**

**А)** На дар ҳама ҳолатҳо метавонад; Б)Наметавонад; **В) Метавонад**;
Г) Баъзан метавонад ва баъзан не; Д) Ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд.

**49.Талоқи мусулмонӣ аз бекор кардани ақди никоҳ дар мақомоти судӣ ва ё Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ чӣ фарқ дорад?**

А)Талоқи шаръӣ пеш ё баъд аз бекор кардани ақди никоҳи шаҳрвандӣ дода мешавад.
Б)Дар ҷумҳурии мо ба ҷиҳати динии бекор кардани никоҳ (талоқ) диққати махсус дода мешавад.
В) Талоқи мусулмонӣ дар ҷумҳурии мо расмӣ-маъмулӣ аст; Г) Никоҳи мусулмонӣ дар барпо намудани оила яке аз омилҳои пурзӯри танзими муносибати оилавӣ масҳуб мегардад.
Д) Талоқи мусулмонӣ чун қоида аз тарафи мард-шавҳар сурат бигирад, талоқи шаҳрвандӣ аз ҳар ду тараф ба амал меояд, ки ҳуқуқан баробар мебошанд.

**50. Кадом амвол - амволи муштараки марду зан ҳисобида мешавад?**

А)Суд манфиати фарзандонро ба назар гирифта, ҳангоми тақсим қисми зиёди чизу чораро ба фоидаи онҳо муайян мекунад; Б) Молу мулки муштарак дар зиндагӣ аз ҷониби зану шавҳар баробар истифода мешавад; В) Ҳаёти оилавӣ бе қайди давлатӣ барои ноил шудан ба моликияти муштарак асос намешавад; Г) Ҳангоми тақсими анҷоми хона ҳиссаи онҳо баробар муайян карда мешавад; Д)Ҳамаи он чизе ки дар ҳаёти якҷоя ба даст овардаанд, амволи муштараки ҳар ду ба ҳисоб меравад.

**51.Барои мустаҳкам шудани оилаи ҷавон аз ҳама муҳим чист?**

А) Барои мустақилияти оилаҳои ҷавон шароит фароҳам оваранд, то ки онҳо дар амал ва қабули қарорҳои мустақилона масъулият ҳис намоянд; Б) Оилаҳои ҷавон дар бисёр ҳолатҳо аз волидон вобастаанд ва наметавонанд мустақилияти худашонро нишон диҳанд.
В) Ноилшавӣ ба камолоти психологӣ нисбат ба камолоти моддӣ душвортар сурат мегирад.
Г) Навхонадорон дар ҳалли якҷояи масъалаҳои оилавӣ таҷрибаи кофӣ надоранд.
Д) Ҳар яке «Ман» и худашро дар рафти муошрати оилавӣ баланд мегузорад.

**52. Вақте ки шавҳар ё зан хаста ва бо табъи хира баргашт, ба вай чӣ хел муносибат бояд кард?**

А) Агар ягон норозигӣ пайдо шавад, онҳо бо тамкин фикри худро ба якдигар баён кунанд, бо маслиҳат ба як қарори дуруст биоянд.

Б)Агар ӯро бо чеҳраи кушод пешвоз гиранд, шароити психологии оила муътадил мегардад.

В) Пеш аз ҳама вайро бо чеҳраи кушода, табассум дар лаб пешвоз гирифта, ба вай кӯмак кардан даркор, ки хастагӣ ва табъи хирааш бартараф шавад.

Г)Зану шавҳари ҷавон барои осоишу саодати оила бояд ба ҳамдигар гузашт карданро омӯзанд.

Д) Бо якравӣ гапи худро гузаронидан сабаби низои оилавӣ мешавад.

**53. Асрори муносибатҳои оилавиро ба кӣ гуфтан мумкин аст?**

А.Баровардани сирри хонавода сабаби дилхункӣ ва бад шудани муносибатҳои тарафайн мешавад; Б) Баъзан занҳо дарав ба хонаи падараш рафта, сирру асрори хонаи шавҳарашро мегӯяд ва ин боиси норозигии оилаи шавҳараш мешавад.

В) Сирри хонаро ба куча баровардан лозим нест, ин боиси гапу калочаи зиёд мешавад.

Г)Ба ҳеҷ кас гуфтан мумкин нест, вай бояд дар доираи оила бимонад; Д)Дар оилае, ки байни зану шавҳар ҷанҷол бошад, аҳли хонавода низ худро ноорому ноосуда ҳис мекунанд.

**54.Муҳити психологӣ гуфта чиро мефаҳмед?**

А) Агар дар оила ҷанҷоле сар занад, вазъияти психологии оила номуътадил мегардад.

Б) Неку бад будани муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо ба муҳити психологии оила таъсир мерасонад; В)Муҳити психологӣ (рӯҳӣ) ин вазъият, ҳолати рӯҳӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии одамони як коллектив, гурӯҳ мебошад.

Г) Омили дигаре, ки ба муҳити психологии оила таъсири бад мерасонад ва онро номуътадил мегардонад, майнӯшии мард мебошад; Д) Оилае, ки дар он самимияту меҳрубонӣ, дӯстию қадрдонӣ ҳукмрон аст, муҳити психологии он хонадон муътадил аст.

**55.Дар бораи муҳити психологии оилаатон нақл кунед.**

А) Муҳити психологии оилаи мо хеле хуб аст; Б)Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад, қабул аст.

В) Дар хонаи мо ҳама вақт ҷангу ҷанҷол ва хархаша аст; Г) Хаёл мекунам,ки хушбахттарин оила аз они мост; Д) Муҳити психологии оилаи мо гоҳ хуб аст ва гоҳе не.

**56.Муҳити психологии оила бештар ба кӣ вобаста аст?**

А)Баъзан дар оилаҳо дахолати калонсолон сабаби ноором шудани муҳити психологӣ мешаванд;

Б)Ба ҳар ду тараф, ҳам зану ҳам шавҳар ва агар дигар аъзоёни оила низ бошанд, вобастагӣ дорад.

В) Аҳволи рӯҳӣ ва вазъи зиндагонии ҳар кас намудори ақлу тадбири ӯст.

Г) Аз хонае, ки садои ханда меояд, аҳли хонадон хушбахтанд; Д)Дар оилаҳои солиму хушбахт барои тарбияи фарзандон муҳити рӯҳӣ муътадил аст ва метавон фарзандони солеҳро тарбия кард.

**57.Агар Шумо оиладор шавед, муносибатҳои оилавиро чӣ тавр ба роҳ мемонед?**

А ) Ман ба маслиҳати ягон кас гӯш намекунам, фақат аз рӯи ақлу фаросатам зиндагии оилавиамро пеш мебарам; Б)Ин вобаста аст, аз муҳити хонаводагӣ, агар тинҷ бошад, пас метавон оилаи солим бунёд кард; В) Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад,қабул аст; Г) Ман ҳама вақт ба гапи падару модар, маслиҳатҳои онҳо гӯш дода баъд зиндагиамро пеш хоҳам бурд.

Д) Чӣ хеле, ки ба ман маъқул аст, ҳамон хел зиндагӣ мекунам.

**58.Чаро дар тамоми давру замонҳо меҳнатро тараннум кардаанд?**

А) Меҳнат шарти аввалини мавҷудияти инсон аст; Б) Қобилияту маҳорати инсон дар ҷараёни меҳнат инкишоф меёбад; В) Одам ба туфайли меҳнати бошуурона аз дигар навъҳои биологӣ фарқ мекунад; Г) Дар ҷаҳони мутамаддин ҳар як фард вазифадор аст, ки ба меҳнати фоиданок машғул шавад, онро ба манфиати ҷомеа равона кунад.

Д) Дар луғати иқтисод раванди фаъолияти бунёдкоронаи одамонро меҳнат меноманд, ки тавассути он инсон онро барои қонеъ гардонидани талаботи худ истифода мебарад.

**59. Меҳнати ҳалол гуфта чиро мефаҳмед?**

А)Волидон бояд аз кӯдакӣ фарзандонро дар рӯҳияи меҳнати ҳалолу созанда тарбия кунанд.

Б)Нозу неъматҳои дастархони мо маҳз тавассути меҳнати самарабахшу фоиданокионҳо ба даст меояд; В) Одамон бояд барои афзун намудани неъматҳои моддӣ кӯшиш кунанад.

Г) Иззату эътибори волидон дар ҷомеа маҳз тавассути меҳнати пурмашаққат ба вуҷуд меояд.

Д) Касе, ки бе муҳтоҷи дигарон худаш бо заҳмату меҳнати ҳалол нонашро ёфта мехурад.

**60. Сарфакорӣ чӣ маънӣ дорад?**

А) Хароҷот дар оила бояд ба даромади он мувофиқ бошад.

Б) Унсурмаолии Кайковус дар «Қобуснома» фармудааст: «Харҷ бояд ба андозаи дахл бошад»

В) Сарфакорӣ маънои хасисӣ нест, ин сарфаю сариштакорона ва мақсаднок истифода бурдани даромади оила мебошад; Г)Сарфу хароҷоти даромади оила бояд мақсаднок ва самаранок ба роҳ монда шуда, ба манфиати оила равона карда шавад.

Д) Ба роҳ мондани тарбияи иқтисодии фарзандон дар оила басо муҳим ва зарурӣ мебошад.

**61. Хароҷоти барзиёд чист?**

**А)** Хароҷоти барзиёд ин яъне аз сарфу харҷи оила зиёдатӣ аст ва онро метавон барои ояндаи фарзандон пасандоз намуд.

Б) Ҷавонон кор карда музде, ки ба даст меоранд, ба буҷети оила ворид мекунанд.

В)Ҳар як аъзои болиғи оила бояд ба буҷети оила саҳми худро гузошта, онро ғанӣ гардонад.

Г) Хароҷоти зиёдатиро метавон дар бонкҳо нигоҳ дошта, фоизи онро барои оила сарф намуд .

Д) Хароҷоти барзиёд ин яъне аз сарфу харҷи оила зиёдатӣ аст ва онро метавон барои ояндаи фарзандон пасандоз намуд.

Д)Оила бояд дорои фонди захиравии худ бошад ва дар рӯзҳои зарурӣ аз он истифода кунад.

**62. Дар хона вазифаи доимӣ доред ё не?**

А) Вазифа дорам, вале доимӣ нест; Б) Албатта дорам, бе вазифаи хонагӣ чӣ хел мешавад.

В) Не, надорам, ман аз ҳамаи вазифаҳо дар канорам; Г)Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад, қабул аст

Д) Ман ягон хел вазифаро қабул надорам, агар бошад, ҳам иҷро намекунам.

**63. Шумо кадом корҳои рӯзгорро иҷро карда метавонед?**

А) Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад, қабул аст; Б) Ман қобилияти иҷрои ҳамаи корҳои хона, аз рӯбучин сар карда то пухтупазу ҳунарҳои мардумиро дорам; В) Ман ягон кори рӯзгорро иҷро кардан наметавонам; Г) Аз уҳдаи ҳамааш мебароям, вале хуш надорам,ки онҳоро анҷом диҳам; Д) На ҳамашро иҷро карда метавонам.

**64.Зебоии манзил дар чист?**

А)Ороиши хона барои баланд бардоштани завқи эстетикии аъзои оила, махсусан наврасон аҳамияти калон дорад; Б) Барои ороиши манзил ҳамаро ва пеш аз ҳама наврасонро ҷалб кардан лозим аст; В) Ҳар гӯшаи хона бояд ба одам як ҷаҳон лаззати эстетикӣ бахшад.

Г)Мунтазам озодаву покиза нигоҳ доштан ва ботартиб ҷо ба ҷогузории асбобу анҷоми рӯзгор зебогии манзилро таъмин мекунад

Д) Кӯшиш бояд кард,ки наврасон роҷеъ ба ороиши манзил ақидаи худро дошта бошанд.

**65. Ашёи рӯзгор ва хонаро чӣ гуна бояд ҷобаҷо гузошт?**

А) Бояд дару тиреза покиза, ҷиҳози рӯзгор ботартиб, бо завқи баланди эстетикӣ ҷобаҷо гузошта шуда бошад; Б) Шарт нест, ки хона пурдабдаба ва бо мебелҳои қиматнок оро дода шуда бошад.

В) Хона бояд тозаю озода, дилкаш,о ддӣ ва бо завқу салиқаи зебо оро додагӣ бошад.

Г) Дар мавридҳои зарурӣ асбобу анҷоми манзилро нав ва иваз кардан лозим меояд.

Д) Барои тарбияи эстетикаи фарзандон онҳо метавонанд дар оро додани ҳуҷра, ҷобаҷогузории ашёи рӯзгор иштирок намоянд.

**66.Тарзи дилкаш оро додани хонаро чӣ хел мефаҳмед?**

А) Зебоию ороиши манзил ба завқи баланди эстетикии соҳибхона вобаста аст, хона бояд тозаву озода, оддӣ ва дилкаш ба назар бирасад.

Б) Ҳар кас мувофиқи завқу хоҳиши худ манзилашро оро медиҳад.

В) Дар вақти ҷобаҷо кардани ашёи рӯзгор ҳама чизро ба назар гирифтан лозим аст.

Г)Анҷомҳо бояд чунон гузошта шаванд, ки барои истифода созгор бошанд ва зебу зинати ҳуҷраро афзоянд.

Д)Ҳамаи аъзоёни оила дар тозаву зебо нигоҳ доштани хонаву дар масъул ҳастанд.

**67.Фикри Шумо дар бораи зарурияти доштани мизу курсӣ дар хона чист?**

**А**) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; Б) Доштани мизу курсӣ барои меҳмонон низ лозим аст, баъзеашон намехоҳанд, дар курпача бишинанд; В) Ҳеҷ зарурияти доштани мизу курсӣ нест; Г) Ба фикри ман зарур аст; Д)Зарурияти доштани мизу курсӣ пеш аз ҳама барои фарзандон даркор аст,ки нишаста дарс тайёр кунанд.

**68. Оё бо даст хурок хурдани хӯрокро метавон бемаданиятӣ гуфт?**

А) Не, албатта; Б) Касе ба чӣ хел маъқул бошад; В) Бо қошуқ хӯрдан хубтар аст.

Г) Дар ҳар ҷо ҳар хел нигоҳ мекунанд; Д) Ин ба хоҳиши худи одам вобаста аст.

**69.Кадом сифатҳои ҳамсолони худро бештар қадр мекунед?**

А)Садоқати пок, хоксорию бурдборӣ (сабр) ,одамдӯстию ростқавлиро талқин карда, доштани шарму ҳаё, иффату покдоманӣ зарур аст; Б)Касе, ки анъанаҳои аҷдодиро риоя мекунад, як умр ҳаёти хушбахтона ба сар бурда, шахси азизу писандидаи халқ мегардад.

В) Агар ба қавлаш ҳамеша вафодор бошад, ростгӯ бошад.

Г) Пеш аз ҳама ба ёрии ту шитобад, дар ғаму шодиат шарик бошад.

Д) Хоксор бошад, такаббур надошта бошад ва бо илму савод бошад.

**70.Кадом муносибатҳоро дар муомилаи зану шавҳар зарур медонед?**

А) Агар зану шавҳар нисбат ба кору бор, саломатӣ ва авзои рӯҳии ҳамдигар бепарво бошанд, ин боиси кандашавӣ ва суст шудани муносибатҳои дӯстона ва муҳаббату садоқати онҳо мегардад.

Б)Омили муҳиме, ки барои мустаҳкамии оила ва пойдории муносибатҳои дӯстонаи зану шавҳар зарур аст, ин меҳрубон ва таваҷҷуҳ зоҳир кардан нисбат ба якдигар мебошад.

В) Муносибати самимонаю эҳтиромона ва маслиҳатомезу хушбинонаи зану шавҳар асоси хушбахтии хонадон ва тарбияи хуби фарзандон аст; Г)Дар зиндагии оилавӣ бояд яктану якдил, яъне дар ғаму хурсандии ҳамдигар шарику ғамхор бошанд; Д) Муносибатҳои онҳо дар асоси боварии комил ба ҳамдигар бунёд гарданд ва аз ҳамдигар рози пинҳоне надошта бошанд.

**71.Зери ибораи «Оилаи хушбахт» чиро мефаҳмед?**

А Бо меҳру муҳаббати хосса арҷ ниҳодан ба хирад ва кирдорҳои шоистаю накуи ҳар аъзои оила падидаи хуб аст; Б) Олим Хун Тезичен сабаби ҳаёти солимро дар хирад ва хирадмандӣ мебинад; В) Касе, ки муҳаббат дорад, дигаронро мефаҳмад ва касе, ки мефаҳмад, нисбат ба худ эҳсос мекунад, ки миёни ӯ ва дигарон тафоҳум (якдигарфаҳмӣ) вуҷуд дорад

Г) Муносибат ва рафтори наку беҳтарин роҳ барои хушбахтӣ, эҳтироми волидони зану шавҳар, бартараф намудани мунокишаҳою моҷароҳои оилавӣ аст.

Д) Вақте ки зану шавҳар ба ғаму андӯҳ, ноомадҳои кору зиндагӣ ва хурсандии ҳамдигар шариканд, ин шаҳодати устувории меҳру муҳаббати онҳост.

**72. Падарсолорӣ чӣ маънӣ дорад?**

А) Нисбат ба сарвари оила тарс пайдо мешавад, дар ин вазъият ҳурмат аз байн меравад.

Б) Агар сарвари оила бо дуғу пуписа гапи худро гузаронад ва аҳли оиларо ба ҳукми раднопазир кор фармояд, дар байни вай ва аҳли оила дилхунукӣ пайдо мешавад.
В) Мард, ки сарвари оила диниста мешавад, дар ҳолати мухталиф будани ақидаҳои аҳли оила бояд бо маслиҳат роҳи беҳтарини ҳалли масъаларо ёбад; Г) Зан аз чунин шавҳар ва фарзандон аз чунин падар дӯрӣ меҷӯянд,ҳамеша азоби рӯҳӣ мекашанд; Д) Падару модарон шикоят мекунанд, ки фарзандонашон ба аёдаташон кам меоянд, бехабар аз он ки дар тарбияи фарзанд худашон гунаҳкоранд.
**73.Дар моҷароҳое, ки байни арӯсу хушдоман сар мезананд, аксаран киро айбдор медонед?**
А)Аз зиддияти арӯсу хушдоман бештар шавҳар азият мекашад, чунки вай дар байни ду оташ мондааст; Б)Агар арӯс корҳои худро бо розигии хушдоман ва дигар аъзоёни оила анҷом медиҳад, барои норозигию моҷароҳо асосе ҳам намемонад; В)Метавонад, хушдоман гунаҳкор бошад, метавонад арӯс; Г)Арӯси беандеша мустақилияти худро намоиш дода, бе маслиҳати хушдоманмеҳмон даъват мекунад, ба меҳмонӣ меравад; Д) Чунин моҷароҳо дар натиҷаи якравии арӯс, беҳурматӣ ба хушдоман ва аъзои оила сар мезанад.
**74.Арӯс бо хушдоман чӣ тавр бояд рафтор кунад, ки оромии оила пойдор бошад?**
А) Эҳтироми арӯс ба хусуру хушдоман ва муносибати ӯ бо хешовандони шавҳар риштаи дӯстии оиларо мустаҳкам карда, омили хушбахтии ҷавонон мегардад; Б)Гоҳо аз муносибати носозгор арӯсу хушдоман низоъ ва моҷароҳо бармехезад, ки сабаби нотинҷӣ ва малоли хотири аҳли оила мегардад; В) Агар арус дар оилааш аз падару модар тарбияи нек гирифта бошад, дар хонаи шавҳараш низ эҳтироми калонсолонро ба ҷо меорад; Г) Хусуру хушдоман эҳтироми арӯсро нисбат ба худ эҳсос мекунанд, меҳри онҳо ҳам ба арӯс меафзояд; Д) Агар арӯс дар рӯҳияи худхоҳию худбинӣ тарбия ёфта бошад, кӯшиш мекунад, гапашро гузаронад.
**75.Зан мехоҳад, ки аз оилаи шавҳараш ҷудогона зиндагӣ кунад ва мард бояд ин моҷароро чӣ гуна ҳал кунад?**
А) Агар имконияти иқтисодӣ дошта бошанд, бигзор ҷудогона зиндагӣ кунанад, ин хубтар аст, аз ҳаррӯза ҷангу ҷанҷолҳои беуҳда; Б) Дар ин ҷо боз ба назар гирифтан лозим аст, ки падару модар ғайр аз ин фарзанд боз саробон дошта бошад; В)Ин моҷароҳо ба он оварда мерасонад, ки писар ё ба хотири падару модар аз ҳамсар ё ба хотири ҳамсар аз падару модар ҷудо мешавад.
Г) Мард бояд дар гапаш истад ва гӯяд, ки ман падару модарамро танҳо намегузорам.
Д) Фарзандоне, ки дар асоси меҳру муҳаббати тарафайн таваллуд шудаанд, соҳиби ҳусну одоби ҳамида мегарданд.
**76.Чаро меҳмонро атои Худо мегӯянд?**
А Пирони рӯзгордида мудом таъкид мекнуанд, ки замину хонаатро фурӯш, тамоми амволатро ба гарав гузор, вале хотири меҳмонро пос дор; Б) Воқеан,х алқи мо меҳмонро атои Худованд мешуморанд ва ӯро азизу муътабар мешуморанд; В) Боз мегӯянд, агар ягон чизи дар бисотат буда ба меҳмон писанд ояд, ба вай бубахш; Г) Иззату эҳтироми меҳмон аз остонаи даромади хона оғоз мешавад; Д) Ҳар касе боре вориди хонадони тоҷикон гардидааст, як умр меҳмоннавозии онҳоро фаромӯш намекунад.
**77. Оё бе даъват ба меҳмонӣ рафтан мумкин аст?**
А) Дар сурати пурсидани шахсони ғоиби хонадон «ҳамин ҷо, ҳозир меояд» гӯён дар хона набуданашонро вонамуд намекунад.
Б) Лекин баъзан бе хоҳиш ҳам чунин мешавад, ки ба хонаи касе нохонда меҳмон мешавӣ .
В) Дар расму русуми тоҷикон аз қадимулайём меҳмонро азиз медоранд, хоҳ вай даъват шуда бошад, ё бедаъват омада бошад; Г) Мирзо Турсунзода дар ин бора хеле зебо гуфтааст:
Дӯст ояд,гарм дар оғуш гир ,
Расми хуби тоҷиконро гум накун.

Д)Албатта, аз рӯи қоида мумкин нест .

**78.Бо меҳмони ношинос чӣ гуна бояд муносибат намуд?**

А)Ҳангоми пешвоз ва қабули меҳмон асло сир бой додан даркор нест, ки вай ношинос ё нохонда аст; Б)Аз меҳмони ношинос дар бораи саломати хешу табор ва ҳамдиёронаш пурсон шуда,зуд ба дасташ об рехта,чойи нишаст нишон медиҳад; В) Ба саволҳояш бо хушнудӣ ҷавоб мегардонад ва табассум бояд лабонашро тарк накунад; Г) Соҳибхонаи оқил ба хотири меҳмон чолокона дастархон паҳн карда, меҳмонро бо хӯрок зиёфат мекунад.

Д) Соҳибхона меҳмонро хоҳ шиносаду хоҳ не,бо суханони самимиву хуш истиқбол гирифта, ҳолпурсӣ мекунад ва «хуш омадед» мегӯяд;

**79.Дар ҳузури меҳмон чӣ гуна рафтор менамоянд?**

А)Албатта, соҳибхона онҳоро бо чеҳраи кушод ҳамчун меҳмони азиз пазироӣ намуда, дар наздашон дастархон мекушояд; Б)Соҳибхона дар ҳар вазъияте, ки дорад, зинҳор бояд хафагӣ ё норизоии худро аз омадани меҳмон вонамуд накунад; В) Кӯшиш намояд, ки меҳмон худро озод ҳис карда, аз анвои хӯрданию нӯшидан болои дастархон аст, бемалол истифода намояд. Г) Мусиқию суруд, муносибати дӯстонаю самими ҳозирин ва меҳмоннавозии соҳибхона меҳмононро шод менамояд; Д) Баъд аз хотимаи меҳмондорӣ мизбон меҳмононро то дари хона гусел карда, аз ташрифи меҳмонон миннатпазирӣ ва хушнудии худро нишон диҳад.

**80.Меҳмонро чӣ хел пешвоз мегиранд?**

А)Соҳибхона меҳмононро дар назди дарвоза ё даромади хона бо хушнудӣ истиқбол намуда, ба хона медарорад; Б) Баъди ҳозир шудани меҳмонон аҳли хона бояд бо чеҳраи кушод хидмати онҳоро ба ҷо биёранд; В) Чунон ки оқилон гуфтаанд: «Чеҳраи кушодаи мизбон сабаби кушоиши иштиҳои меҳмон аст»

Г) Чу меҳмон оядат, дилшод мебош,
Зи ҳар банду ғаме озод мебош!

Д) Дар ҳузури меҳмон мавзӯи сӯҳбат бояд аз доираи одобу ахлоқи ҳамдигар берун набарояд, баҳсу мунозира нашояд кард.

**82.Зери мафҳуми сайру гашт чиро мефаҳмед?**

А Ҳар як оилаи солим дар баробари кору фаъолият, барои сайру гашт ва истироҳат низ вақт ҷудо менамояд; Б) Сайру гашт ва истироҳат низ як ҷузъи маданият буда, дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ ба танзим дароварда мешавад; В) Истироҳат, сайру гашт ба одам рӯҳи тоза ва қуввати ҷисмониву маънавӣ мебахшад ва хастагиро рафъ мекунад; Г) Фақат онро дурусту оқилона ташкил карда тавонистан лозим аст, ки дар лаҳзаи зарурӣ аз хастагӣ раҳо созад.

Д) Дар гулгашти боғу хиёбонҳо сайру гашт кардан ҳам истироҳат аст, рафтан ба театру осорхонаҳо, намоишгоҳҳо низ хастагиро рафъ мекунад.

8**3.Оё дар хона ҳам истироҳат кардан мумкин аст?**

А) Албатта, дар хона ҳам метавон истироҳати хубу бофароғатро дар доираи оила ташкил кард.

Б) Не, дар хона имконияти истироҳат кардан нест.

В) Доду фарёд ва шавқуни кӯдакон ба истироҳат халал мерасонад.

Г) Агар дар хона худат танҳо бошӣ,метавонӣ ба хости худат истироҳат кунӣ .

Д) Истироҳат дар ҳама ҷо метавон кард, агар маблағи зарурӣ дошта бошӣ.

**84.Оё Шумо ягон маротиба ба саёҳат баромадаед?**

**А)** Бисёр мехоҳам, вале маблағ надорам; Б) Не, ягон маротиба нарафтаам.

В) Ман ният дорам,ки ба тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ сафар кунам.

Г) Ягон хел хоҳиш надорам, ки ба ҷое сафар кунам; Д)Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад, қабул аст.

**85. Агар имконият дошта бошед, ба кадом гӯшаи Ватан ба саёҳат мерафтед?**

А) Мехоҳам , як бор ба қадимтарин мавзеъи Тоҷикистон, ки дараи Яғноб аст, сафар кунам.

Б) Орзӯи деринаи ман кӯли Сарезро дидан аст; В)Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад, қабул аст.
Г) Диёри зебоманзари Рӯдакию Лоиқро низ дидан орзӯи деринаи ман аст
Д) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**85.Шумо кадом намуди истироҳатро меписандед?**

А) Ҷавоби донишҷӯ чизе бошад, қабул аст; Б)Истироҳати бофароғат дар оғуши табиат
В) Истироҳат бо аҳли оилаи худ; Г) Истироҳат бо дӯстони ҷонӣ дар соҳили баҳр
Д) Дар мавзеъҳои зебои Тоҷикистон сайру гашт кардан

**86.Сабабҳои асосии вайроншавии оилаҳои ҷавонро номбар кунед**

**А** Ҷавон мехоҳад, ба дигар кардани шахсияти ҳамсараш машғул шавад.
Б)Яке аз сабабҳои вайрон шудани оилаҳои ҷавон ин надоштани маҳорати муошират кардан аст.
В) Дар аксари ҳол ба ин муносибати анъанавии вуҷуддоштаи «Ман», «Ту» халал мерасонад.
Г)Сабабҳои вайрон шудани оилаҳои ҷавон хеле гуногун буда, вобаста ба вазъи ин оилаҳо пайомадҳои гуногунеро ба бор меоранд; Д) Ҳар як шахс фарди такрорнашаванда буда, танҳо бо назардошти ин ҷиҳат ва ҷиҳатҳои дигар метавон муҳити солими оилавиро таъмин кард.

**87.Чӣ гуна метавон муносибатҳои хубу дӯстонаро дар оила ба миён овард?**

А)Эҳтироми падару мода рва дигар аъзои оила яке аз шартҳои муҳими пойдории оила мебошад; Б) Агар дар оила тифоқию ҳамдигарфаҳмӣ бошад, ҳаёт ширину гуворо мегузарад.
В) Дар зиндагӣ сабру таҳаммул нишони ахлоқи ҳамида маҳсуб меёбад.
Г) Оилаи ҷавон бояд зиндагии алоҳида дошта бошад.
Д) Ба зиндагии мустақилона омода намудани ҷавонон.

**88. Шумо дар вайроншавии оилаҳои ҷавон бештар киро гунаҳкор меҳисобед?**

**А)** Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд; Б) Дахолати ноҷои баъзе аз падару модарон низ сабаби ҷудошавии оилаҳо мегардад; В) Ҳар ду ҳамсар худро гунаҳкор ҳис намекунанд, барои ҳамин оила пош мехурад; Г) Надонистани ҳуқуқҳои зану шавҳарӣ, хушунат низ боиси вайроншавии оила мегарданд; Д)Сабаби асосии вайрон шудани оилаҳо дар он аст, ки падару модар фарзандони худро ба хонадоршавӣ омода намесозанд.

**89.Арӯс дар хонаи домод чӣ гуна бояд рафтор кунад?**

А) Агар арӯс дар оила тарбияи нек гирифта бошад ва ҳурмату эҳтироми калонсолон ва ҳамаи аъзоёни оиларо хуб донад, пас вай арӯси беҳтарин хоҳад буд; Б)Арӯс ба ягон аъзои оилаи шавҳараш муросо кардан намехоҳад; В)Ҳамаи корҳои хонаро дуруст анҷом дода наметавонад.
Г) Ҳамеша бо ҳама ҷангуjархаша мекунад; Д) Натиҷаи якравии арӯс, беҳурматӣ ба хушдоман боиси сар задании моҷаро дар оила мешавад.

**90.Оилаи намунавӣ гуфта чиро мефаҳмед?**

А) Оилае, ки ҳамаи аъзоёнаш бомаърифат ва соҳибмаълумот бошанд.
Б) Оилае, ки аз сабру таҳаммул, якдигарфаҳмӣ, ҳурмату эҳтироми якдигар бархурдор бошанд ва соҳиби ахлоқи ҳамида бошанд; В) Агар дар он оила ҷангу ҷидол, баҳсҳои бемаънӣ ва хусумат вуҷуд надошта бошанд; Г) Агар ҷавонон аз таҷрибаи калонсолон барои зиндагии худ истифода кунанд; Д) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**91. Кадом сабабҳо боиси ба вуҷуд омадани низоъ дар оила мегардад?**

**А**) Оилае, ки ҳамаи аъзоёнаш бомаърифат ва соҳибмаълумот бошанд.
Б) Барои гапҳои камарзиш ва ночиз ба якдигар хурдагирӣ мекунанд.
В) Ба ҳамсояҳояшон тақлид карда, аз курпа пояшонро зиёдтар дароз мекунанд.
Г) Пойбанди суханони нодурусти хешовандон, дӯстон ва ҳамсоягон мешаванд.
Д) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд.

**92. Чаро инсон асабӣ мешавад?**

А) Дар чунин ҳолати рӯҳию равонӣ сабаби пайдо шудани хашму ғазабро пурсон шудан нодуруст аст; Б) Хашму ғазабро ҳатто аз намуди зоҳирии инсон ва рафтору муносибати дағалона, кӯтоҳбаёнӣ ,танҳо нишастан эҳсос кардан мумкин аст; В) Ғазаб ба асабоният вобаста буда, сабабҳо ва сарчашмаи ғазабнок шудани онро бояд ҷустуҷӯ кард; Г) Идора кардани хашму ғазаб низ роҳу усулҳои худро дорад; Д) Сабабҳои асабӣ шуданро санҷида, роҳи дурусти ҳаллашонро бояд ҷустуҷӯ кард.

**93. Оё инсон метавонад дар ҳолати хашму ғазаб қарори дуруст қабул намояд?**

А) Инсони комил ҳаргиз дар лаҳзаи хашму ғазаб барои анҷоми коре даст намезананд.
Б) Албатта, метавонад; В) Не, наметавонад; Г) Ин аз хислати одам вобаста аст.
Д) Гоҳе метавонад, гоҳе не.

**94.Барои чӣ одамон дар ҳолати хашму ғазаб даст ба корҳои ношоям зада баъд пушаймон мешаванд?**

А) Дар вакте қаҳру ғазаб ақли инсон тира мешавад ва ҳеҷ чизро намебинаду намешунавад.
Б) Баъд пушаймонӣ суд надорад; В)Ин гуна одамон дурандеш нестанд, фақат ҳамон лаҳзаи ғазабашонро дида метавонанд; Г) Хашму ғазаб ақлро тира намуда, ҳаяҷону эҳсосро боло мебарад; Д) Хашму ғазаб инсонро ба ҳолати ҳаяҷони рӯҳӣ меорад ва одам барои амалҳо ва гуфтаҳояш ҳисоб пас намедиҳад.

**95.Чаро сабрро талху меваи онро ширин мегӯянд?**

А) Ҳар фарде метавонад, сабру таҳаммулро пешаи худ кунад, зеро гуфтаанд: « Сабр талх аст, вале меваи ширин ба бор меорад».
Б) Роҳи дуруст барои оилаҳои ҷавон шукргузорӣ, дурандешӣ ва пеш гирифтани сабру таҳаммул мебошад.
В) Гӯянд, санг лаъл шавад дар мақоми сабр,
Оре, шавад, валек ба хуни ҷигар шавад.
Г) Зиндагие, ки инсон ба сар мебарад, аз ғаму ғусса холӣ нест, вале инсони оқил сабрро пешаи худ мекунад ва ба мурoду мақсад мерасад.
Д) Зери бори таънаву маломат, беэҳтиромию озурдагӣ на ҳар кас метавонад тоб биёрад.

**96.Ғамхории волидон нисбати фарзанд чӣ гуна оғоз мегардад?**

А ) Падару модар шудан бахти бузургест; Б) Фарзандро гули умеди волидон мегӯянд.
В) Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест; Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Г)Аз рӯзи ба дунё омадани кӯдак, балки пештар аз ин ҳанӯз дар батни модар шурӯъ мешавад. Д) Хабари таваллуди тифлро шунида, шодиёна додан одати қадими мардуми мост.

**97. Муносибатҳои оилавӣ ба фарзанд чӣ таъсир расонида метавонанд?**

А)Ҳар гуна беназмӣ ва мушкилоти ахлоқӣ дар оила ба рафти тарбияи кӯдак таъсири манфӣ мегузорад; Б) Ҳатто дар батни модар ҷанин ба ғамхорӣ ниёз дорад.
В) Муносибатҳои оилавӣ дар ташаккули рафтор ва шахсияти кӯдак нақши бузургро мебозанд.
Г) Дар айёми тифлӣ, кӯдакӣ ва наврасӣ нақши оила ва муносибатҳои оилавӣ дар рушди фарзанд ниҳоят калон аст; Д) Вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ боиси халалдор гардидани рушди кӯдакон мешавад.

**98. Чӣ тавр нутқи кӯдакро инкишоф додан беҳтар аст?**

А) Ба кӯдак ҳар шаб афсона хонда, бо вай шеър азёд кунед; Б) То яксолагӣ кӯдак маънои калимаҳоеро, ки ба қонеъгардонии талаботаш вобаста аст, мефаҳмад.
В) Дар рафти муошират аз калимаҳо дар нутқи худ истифода мебарад.
Г) Аз батни модар сар карда, бо кӯдак гап задан лозим аст, то ки нутқаш инкишоф ёбад.
Д) Дар рафти муошират бо калонсолон дар кӯдакон нишонаҳои инкишоф ёфтани нутқ ба вуҷуд меояд.

**99. Таъсири муҳити иҷтимоӣ ба рушди фарзанд чӣ гуна зоҳир мегардад?**
А) Ҳодисаҳои хушу зебои муҳити атроф ба кӯдак ҳам хуш меоянд, аммо ҳодисаҳои нохуш ба ӯ таъсири манфӣ мегузорад; Б) Кӯдак бо ҳодисаҳои атроф муносибати доимӣ дорад, завқманд ва ё ошуфтаҳол шуданаш мумкин аст; В) Кӯдак дар даруни муҳити иҷтимоӣ калон мешавад ва он бетаъсир намемонад; Г) Кӯдак ҳама вақт рафтори аҳли оилаашонро назорат мекнуад ва аз рӯи фаҳмиши худ баҳо медиҳад; Д) Равиши ҳаёт дар муҳити оилавӣ баояндаи кӯдак алоқамандии зич дорад.
**100. Волидон баояндаи фарзанд чӣ гуна таъсир расонида метавонанд?**
А) Барои он ки фарзандамон суханони қабеҳро ба забон наорад, мо бояд дар ҳузураш ҳеҷ гоҳ сухани қабеҳ нагӯем; Б)Рафтору гуфтори волидон бояд ҳамеша рост ва холӣ аз дурӯғ бошад.
В) Пеш аз ҳама фарзанд ба волидони худ тақлид мекунад.
Г)Волидон бо рафтору кирдори худ бояд намунаи ибрат шаванд.
Д) Волидон он вақт дар тарбияи фарзанд муваффақ мешаванд, ки агар дар миёнашон иттиҳод ва иттифоқ вуҷуд дошта бошад ва дар ин раванд бо ҳам ҳамкорӣ намоянд.